Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 -и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Низоми бонкӣ як сохтори марказонидашудаи институтҳои молиявӣ буда, ба ҷаъмкунӣ, тақсим ва аз навтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳоро дар сатҳи ҷомеа ташакили дурусти муомилоти пулӣ байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконотҳои мавҷуда ташкил намуда, тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад, қайд менамояд муаллиф. Аз ин лиҳоз интихоби мавзуи мазкур аз нуқтаи назари замонави буданаш актуалӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Бинобар ин унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ чунин тамоюлро дар сатҳи иқтисодиёти малакат яке аз муаммоҳои муҳими боздорандаи рушди иҷтимою иқтисодии давлат ҳисобида, роҳи ҳалли ин масъаларо вазифаи асосии таҳқиқоти илмии худ қарор додааст. Ба ин хотир имконияти васеи сармоягузории бонкҳо, ташкили дуруст ва самараноки гардиши пули нақд ва ғайринақдӣ метавонанд ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши равандҳои такрористеҳсол, ҳосилнокии меҳнат ва рушди иҷтимоии кишвар мусоидат кунанд.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза мавзуи интихобгардида бо назардошти талаботҳои замони муосир аз якчанд нуқтаи назар зарурӣ ва актуалӣ мебошад. Ҳамзамон дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомгардида дида мешаваду, афтореферати диссертатсия моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро боназардошти таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ пурра инъикос намудааст.

Дар шароити имрӯза мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ дорои муҳимияти илмӣ буда, дар он пайдарпайии натиҷаҳои таҳқиқот риоя

гардидааст. Таҳлилҳои нуқтаи назари олимон оид ба мавзуъ ба талабот ҷавобгӯ буда моҳияти кори илмиро инъикос менамояд. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли нақша ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидааст, ки мукаммалии ҷараёни таҳқиқи илмиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар шароити имрӯза таҳлилу пешниҳодҳои анҷомгардида дар масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои қарзии низоми бонкӣ зарурӣ мебошад.

Новобаста аз оне, ки унвонҷӯ дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашидааст, хуб мешуд агар ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Дар афтореферат вобаста ба мушкилотҳои имрӯзаи низоми бонкӣ ва нигаҳдории устувории он дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

2. Таъмини устувории бонкӣ аз суботи бонкиро дар сатҳи низоми бонкӣ дар алоҳидагӣ бояд таҳқиқ менамуд.

Новобаста ба ин автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шуда, ба талаботи низомномаи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.А.